# СУРАТМАҶЛИСИ №15

## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-024-и назди

## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**10 июли соли 2026** ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шурои
диссертатсионӣ 13 нафар,
аз рӯйи ихтисос 4 нафар

10-уми июли соли 2026, соати 13:30 дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 баргузор гардид. Вақти анҷоми ҷаласа: 15:50

**Раиси ҷаласа:** Раиси шуро доктори илмҳои таърих, профессор Расулиён Қ.Р.

**Котиби ҷаласа:** номзади илмҳои таърих Умаров А.Қ.

**Муовини раиси шуро**: Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 16 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 16/шд тасдиқ гардида ва аз 31-уми майи соли 2024, таҳти №167/шд ба ҳайати он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа 13 нафар аъзо иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузоштташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чи пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳед. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**Ҳимояи диссертатсияи** Нуров Суҳроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ.

Диссертатсия дар кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Муҳиддинов Сайдалӣ** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи ватанӣ ва умумии Донишгоҳи Славянии Тоҷикистону Русия;

**Сайнаков Сайнак Парпишоевич** – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;

**Муассисаи пешбар**: Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**БАРОМАД НАМУДАНД:**

**1. Муовини раиси шуро:** доктори илмҳои таърих, профессор Расулиён Қ.Р.

**2. Котиби шуро:** номзади илмҳои таърих Умаров А.Қ.

**3. Унвонҷӯ:** Нуров Сухроб Рустамович.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзои шуро, докторони илмҳои таърих, профессорон Зикриёева М.Ф., Олимов М.А., Яқубов Ё., Турсунов Т.Х., Тиллоев С.С. ва Шарифов Р.Я. мушаххас ҷавоб дод.

Баромади роҳбари илмии унвонҷӯ Саидов Ҳомид – доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон шунида шуд.

**Баромади муқарризони расмӣ**:

1. Доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи ватанӣ ва умумии Донишгоҳи Славянии Тоҷикистону Русия Муҳиддинов Сайдалӣ;

2. Номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Сайнаков Сайнак Парпишоевич;

Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:

1. Доктори илмҳои таърих, профессор Шарифов Р.Я.;
2. Доктори илмҳои таърих, профессор Зикриёева М.Ф.;
3. Доктори илмҳои таърих, профессор Олимов М.А.;
4. Доктори илмҳои таърих, профессор Акрамова С.Х.;
5. Доктори илмҳои таърих, профессор Латифов Ҷ.Л.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии диссертант шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои

овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ - профессорон Олимов М.А., Тиллоев С.С. ва Турсунов Т.Х. интихоб гардиданд.

Аз 13 нафар аъзои шурои дар ҷаласа ҳузурдошта (як нафар онлайн) дар бахши овоздиҳӣ 13 нафар иштирок намуданд: аз онҳо 4 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Нуров Суҳроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ қабул гардид.

**ҚАРОРИ**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-024**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**10 июли соли 2026** **ш. Душанбе**

Суханронии Нуров Суҳроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ, тақризи муассисаи пешбар – Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, суханронии муқарризони расмӣ – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи ватанӣ ва умумии Донишгоҳи Славянии Тоҷикистону Русия Муҳиддинов Сайдалӣ, – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Сайнаков Сайнак Парпишоевич, муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илмҳои таърих, профессорон – Шарифов Р.Я., Зикриёева М.Ф., Олимов М.А., Акрамова З.Х., Латифов Ҷ.Л.-ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Нуров Сухроб Рустамович,

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Нуров Сухроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводди илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд;
3. Ба Нуров Сухроб Рустамович дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ дода шавад.
4. Барои додани дипломи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ ба Нуров Сухроб Рустамович аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор - 13 нафар. Муқобил - нест. Бетараф - нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Расулиён Қ.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои таърих** **Умаров А.Қ.**

**10 июли соли 2026**